## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Раҳимзода Сарвиноз Назрулло дар мавзуи « Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05- Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) пешниҳод шудааст**

Замони муосирро бе истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) тасаввур кардан ғайриимкон буда, дар ҳама соҳаҳои фаъолияти одамон онҳо босамара татбиқ шуда истодааст. Алалхусус, бояд қайд кард, дар раванди таҳсил татбиқи самараноки ТИК бараъло ҳис мегардад, барномаҳои таълимии электронии мухталифи мураттабшуда вобаста аз мавзуъ ва мазмуни он истифода мегардад.

Фанни таърих дар омӯзиши гузаштаи ниёгон, дуруст дарки воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеа, васешавии ҷаҳонбинии хонандагон нақши беандоза дорад ва истифодаи имконоти ТИК дар раванди таълими ин фан аҳамияти калон касб намуда, аз омӯзгори ояндаи ин фан тақозо менамояд, ки аз метод ва роҳҳои татбиқи технологияҳои муосир бархурдор шаванд. Мутаасифона, то ҳол ин раванд бо таври бояду шояд ҳалли худро наёфтааст, дастур ва нишондодҳои методӣ оиди ин масъала дар ҷумҳурӣ нокифоя мебошад ва ин мубрамии мавзуи таҳқиқотро нишон медиҳад.

Раҳимзода С.Н. соли 2009 ба ихтисоси таъминоти математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматикунонидашудаи (муҳандис-систематехник) Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2014 хатм намудааст. Солҳои 2013 – 2014 коргузори МТМУ №72-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, солҳои 2015-2017 мутахассиси маркази бақайдгирии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ ва аз соли 2019 ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ ва аз соли 2021 унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими инфоматикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ мебошад.

Кори диссертатсионии Раҳимзода С.Н. аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва

мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум, ки «Асосҳои илмӣ-назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ», ном дорад ва аз ду зербоб иборат мебошад, дар бораи мавқеи ТИК дар раванди таълими имрӯзаи МТОК (муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) ва мавҳуми салоҳиятнокии омӯзгори имрӯзаи фанни таърих сухан меравад.

Дар боби дуюми рисола «Нақши истифодаи ТИК дар дарсҳои таърих», ки аз ду зербоб иборат аст, оиди барномаҳои таълимии компютерӣ ва аҳамияти онҳо роҷеъ ба самаранокии раванди таълим дар дарсҳои таърих маълумот пешниҳод гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия «Таъмини самаранокӣ ва татбиқи ТИК дар ихтисоси таърихи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се зербоб иборат буда, дар он асоси ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ самаранокии татбиқи дар раванди таълими фанни таърих дар МТОК таҳлил ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ баррасӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, навгонии рисолаи илмӣ иборатанд аз:

1. Моҳият, сохтор (истифода, умумӣ ва махсус) ва мундариҷаи таълими муаллимони оянда дар заминаи истифодаи ТИК тавсиф карда шуданд;
2. Ҷанбаҳои асосии истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии устодони омӯзгорон, истифодаи системаҳои иттилоотии иттилоотӣ муайян карда шуданд;
3. Ҷузъҳои тайёр кардани муаллими таърих нисбати истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ - ҳавасмандӣ, консепсия ва фаъолияти маърифатӣ муайян карда шуданд;
4. Ҷустуҷӯ, бойгоникунӣ ва нигоҳдории иттилооти касбӣ, таъсири умумӣ тавассути воситаҳои мултимедиявӣ, аз ҷумла тасвирҳои эҳсосӣ, шунавоӣ, аудиторӣ ва ҳаракаткунанда, амсиласозӣ ва тарҳрезии объектҳои воқеӣ ва маҷозӣ нишон дода шуданд;
5. Ба кор гирифтани маҷмуи равишҳо ҷиҳати ҳаллу фасли муваффақонаи масоили таълимии марбут ба факултети таърих.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асосонок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда

шудаанд. Автореферат инъикоси пурраи мазмуни диссертатсия буда, муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтанд.

Хулоса, диссертатсияи Рахимзода Сарвиноз Назрулло дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои
педагогӣ, профессори кафедраи
барномасозӣ ва низоми зеҳнии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

***Маълумот барои тамос:***
***Суроға:*** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. тел.(+992)2348802, (+992)918636113. E-mail: aziz69@mail.ru

*Имзои А.Р. Мирзоевро тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ* ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

15.10.2025